# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонкуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 203 с.**

Дар солҳои 80-уми асри гузашта дар заминаи имконоти маънавии фароҳамовардаи низоми бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ раванди озодандешии адибони тоҷик қувват гирифт. Нависандагону мунаққидон дар саҳифаҳои матбуоти замон перомуни вежагиҳои кори эҷодӣ ва осори ҳунарӣ ибрози назар карда, нуқсу заъфи андешаву гуфтор, забону сабки баёну навишттори ҳамдигарро муайян мекарданд. Ин навъи нақду таҳлилҳо бештар дар минбари баҳси маҷаллаи «Садои Шарқ», ки «Масъалаҳои насри муосир» ном дошт, шадидтару ошкоротар гуфта мешуд. Мунаққидону нависандагон дар зимни таҳлилу баррасиҳои хеш борҳо ба шахсият ва эҷодиёти Сайф Раҳимзоди Афардӣ ишораҳо намудаанд, ки, албатта, бархе аз ин нигоштаҳо ифодагари воқеии гомгузориҳои дурусти адиб дар ҷодаи адабиёт, ҳамчунин, ҳунари нигориш ва мақоми ӯ дар адабиёти охири аҳди шуравӣ ва даврони Истиқлолияти давлатӣ маҳсуб меёбанд.

Аз нашри нахустин ҳикояи Сайф Раҳимзоди Афардӣ бо номи «Гунҷишки сафед» (1983) ва повести «Ситораҳои сари танӯр» (1984) нақду баррасии осори нависанда шуруъ гардида, дар ин замина метавон аз сарсухану пешгуфтор, тақризу мақолаҳо, ёддошту хотирот ва таълифоти Гулрухсори Сафӣ, Низом Қосим, Худой Шарифзода, Абдухолиқ Набавӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Атахон Сайфуллоев ва Умар Сафар ёдовар шуд.

Аз омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти ёдшуда метавон ба ин натиҷа расид, ки оид ба масъалаҳои гуногуни эҷодиёти Сайф Раҳимзоди Афардӣ, махсусан, перомуни вижагиҳои сохторию ҳунарии осори бадеии ӯ дар адабиётшиносии тоҷик кори таҳқиқии алоҳида ва мустақим сурат нагирифтааст. Аз ин хотир, мавзуи диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалимаро, ки дар пояи санъати тавсиф ба таъини ҷанбаҳои ҳунарию осори нависанда бахшида шудааст, **мавзуи муҳимму зарурӣ ва мубрам** арзёбӣ кардан мумкин аст.

Сайф Раҳимзоди Афардӣ тасвиргари моҳири олами андешаҳои инсон буда, дар офаридани симою характери қаҳрамонҳо, мазмуну мавзуъҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ, тазоду бархурди наслҳо, ихтилофи ақидаҳо, ба зевари бадеият кашидани муҳити зиндагӣ, манзараҳои ҳастӣ, пайванди инсону табиат сабку забони баёни хос дошта, ба назари мо, санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла тавсиф аз ҷумлаи аносири меҳварии муайянкунандаи сабки фардии нависанда маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, мавзуи осор ва сужету бандубасти бадеии офаридаҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ таърихи мардуми моро таҷассум намуда, арзиши осори ин нависандаро собит менамоянд ва тамоми масоили зикршуда зарурати пажӯҳиши ҳамаҷонибаи таълифоти ӯро ба миён мегузоранд.

Сайф Раҳимзоди Афардӣ яке аз чеҳраҳои адабии дурахшонест, ки дар ташаккулу таҳаввули адабиёти давраи нави тоҷик, хусусан, насри бадеии замони Истиқлол саҳми назаррас дорад. То кунун муҳаққиқони адабиёти тоҷик асосан зимни баррасии масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт оид ба осори адабӣ ва саҳифаҳои рӯзгори Сайф Раҳимзоди Афардӣ ишораҳо карда, ин мавзуъ мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Аз ин ҷиҳат, дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи хусусиятҳои бадеии осори нависанда дорои **аҳаммияти махсуси илмӣ** буда, зарурати он ҳарчи бештар эҳсос мешавад.

Валиева Ҳалима Субҳонқуловна барҳақ қайд намуааст, ки «Тавсиф дар осори бадеӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Нависанда бо ёрии тавсиф дар асараш фазоҳои мавриди назарашро месозад» (диссертатсия, с. 4).

Дар чанд банди **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** пажӯҳиши мавзуъ ва масъалаҳое таъин шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори адибони муосир ва масоили марбут насри бадеӣ ихтисос дорад. Аз ин ҷиҳат, ин мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** комилан **мувофиқат менамояд.**

Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бармеояд, ки фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи Сайф Раҳимзоди Афардӣ асосан дар қолаби қайду хотира ва мақолаю тақризҳо баррасӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, чуноне қаблан ишора шуд, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осор ва мухтассоти ҳунарии насри бадеии Сайф Раҳимзоди Афардӣ халое ба назар мерасад, ки онро кори таҳқиқии мавриди назар то андозае комил мегардонад. Воқеан, манзури муҳаққиқону донишмандон гардонидан ва ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима иқдоми хуб буда, қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи дастгирист.

**Навгонии илмии диссертатсияи** Валиева Ҳалима дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ рӯзгору осор, фаъолияти пурвусъати адабӣ ва вижагиҳои корбурди тавсиф дар осори нависанда баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили назарии тавсиф ва нақши он дар адабиёти бадеӣ руҷуъ шудааст. Дар рисолаи мавриди назар таҳқиқи осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ аз нигоҳи шаклу мазмун, нақши бадеии тавсиф дар созмони тасвири табиату ҳаводиси ҷамъиятӣ, кулбаю асбоби рӯзгор, аносири замон ва ғайра ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар кори диссертатсионии Валиева Ҳалима аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносон, хусусан, мутахассисони насри бадеии ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Илова бар ин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқӣ, масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳо** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуи таҳқиқиро низ дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани коргоҳи эҷодии нависандагони дигар, масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва самтҳои дигар ба адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва мутахассисони насри бадей ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, коркарди амалии дурусти натиҷаҳои таҳқиқро собит менамоянд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар дувоздаҳ банд манзур шудаанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида матолиби асосиро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ ва таъини нақши ӯ дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули насри бадеии охири замони шуравӣ ва давраи Истиқлолияти давлатӣ аҳаммияти зиёди илмӣ доранд.

Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна аз муқаддима, се боб дувоздаҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, асосан саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққатро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ,

навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар бахшҳо бо низоми муайян ва тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Боби аввал, ки «Мухтасари зиндагӣ ва мероси эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ» ном дорад, аз чаҳор фасл иборат мебошад. Дар се фасли аввали ин боб масоили марбут ба насри замони Истиқлол, аз ҷумла чеҳраҳои адабии ин давра ва хусусиятҳои ҳикояву повесту романҳои дар ин марҳила таълифшуда матраҳ гардидаанд. Агар ин фаслҳоро ба таъбире фаслҳои хусусияти муқаддимотидошта муаррифӣ намоем, ба мақсад мувофиқ аст. Зеро баррасии мавзуи асосӣ ва масъалаҳои меҳварӣ дар ин фаслҳо сурат нагирифтаанд.

Дар фасли чоруми боби якум («Шарҳи мухтасари ҳаёт ва мероси адабии Сайф Раҳимзоди Афардӣ») бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаиҳолӣ ва энсиклопедию адабӣ маълумоти мушаххасу мустанад манзур гардида, замони тавлиду фавт, муҳити хонаводагӣ, таҳсил, оғози фаъолияти эҷодӣ ва омилҳои ташаккули ҳунари эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ баррасӣ шудаанд. Дар зерфасли дуюму сеюми фасли чоруми боби мазкур диссертант ба пажӯҳиши ҷанбаҳои бисёр муҳим, яъне мероси адабии Сайф Раҳимзоди Афардӣ ва нақду баррасии осори адиб дар нақди адабӣ пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин фаслҳо тарҳрезишударо дар мисоли ҳикояҳои «Гунҷишки сафед», «Аз ёдҳо аз ёдҳо», «Руъё», «Падруду пайғом», повестҳои «Ситораҳои сари танӯр», «Решаҳо», маҷмуаи «Дурӯғи сафед», «Васвасаҳои зикри вайҳ», «Таронаи хоки париён», «Падруду пайғом», «Чашми саҳар» ва нақду баррасиҳои Худоӣ Шарифзода, Абдухолиқ Набавӣ, Атахон Сайфуллоев, Ҷӯрахон Бақозода, Беҳрӯзи Забеҳулло, Умар Сафар ва Абдуҷалили Амон баррасӣ намояд. Муаллифи диссертатсия таъкид мекунад, ки «Нақде, ки ҳамзамон, бо чопи осори вай навишта шуда бошад, қариб, ки мавҷуд нест» (диссертатсия, с. 86).

Боби дуюм – «Тавсиф ва нақши он дар осори бадеӣ» аз чаҳор фасл иборат мебошад, ки фарогири масъалаҳои назарии омӯзишу пажӯҳиши тавсиф мебошанд. Дар фасли аввал истилоҳи «тавсиф» шарҳу тавзеҳ ёфта, оид ба нақши ин санъат дар адабиёти бадеӣ ибрози назар гардидааст. Дар фасли дуюм гӯрғбандии анвои тавсиф сурат гирифта, диссертант тавсифро дар марҳилаи аввал ба ду навъ – тавсифи бадеӣ ва тавсифи маъмулӣ ҷудо менамояд. Дар ин фасл ба мавзуъҳои фарогирандаи тавсиф низ ишора шудааст. Ба андешаи муаллиф дар адабиётшиносӣ миёни се навъи тавсиф фарқ мегузоранд: чеҳранигорӣ (портрет), тасвири манзара (пейзаж) ва тасвири ботин (интерьер). Дар фасли сеюм сохтори тавсиф ва дар фасли чорум бошад, вазифаҳои бадеии тавсиф мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» ном дошта, шомили чаҳор фасл ва ду зерфасл буда, бори асосӣ ва

илмии диссертатсияро маҳз ҳамин боб мебардорад. Дар фасли аввали он – «Тавсифи табиат ва унсурҳои он дар осори нависанда» дар бораи меъёрҳои интихоб ва корбурди тавсиф дар тасвири табиат аз ҷониби Сайф Раҳимзоди Афардӣ сухан ба миён омадааст.

Диссертант барҳақ қайд менамояд, ки «Табиат муҳимтарин рукни ҳастии мост ва ҳамеша ниёз ба васф дорад. Ин васф маҷбурӣ нест, балки як навъ сипосу миннатдорист. Чун инсон дар муқобили дидани зебоӣ, гӯшаҳои ҷаззобу дилчаспи он, ғарқи тамошои нуру равшанӣ, бо қалби пурнишот аст, наметавонад тамошогари бетараф бошад. Инсон бо навъе мояи нишоту шигифтии хешро тасвир месозад, васф мекунад» (диссертатсия, с. 119). Бо ҳосили таҷрибаи нависандагӣ ва тавсеаи доираи мутолиоту ҷаҳонбинӣ диди бадеии нависандагон дар тасвири табиат тағйир ёфта, дар ин самт низ саҳми Сайф Раҳимзоди Афардӣ назаррас аст.

Мундариҷаи фасли дуюм бозгӯйи он аст, ки дар осори нависанда яке аз мавзуъҳои асосӣ тавсифу тасвири кулбаи падарӣ ва асбобест, ки ба ин муҳит мутааллиқанд. Тасвири кулба, махсусан, дар достони «Тавбатаронаҳои хугара» қобили таваҷҷуҳ буда, дар ин фасл дар тақвияти фикр мисолҳо аз достони «Доғистони ман» ва дигар навъи осори нависанда манзур шудаанд.

Дар фаслҳои баъдӣ масъалаҳои марбут ба нақш ва вазифаи бадеии тавсиф дар тасвиру ифодаи унсурҳои вақту замон, торикию равшанӣ, рангҳо, эҳсос ва авотифи инсонӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, бо мисолҳо собит шудааст, ки тавсиф дар созмони шаклӣ ва муҳтавоии осори адабӣ  ва пуробурангу барҷаста ифода ёфтани андешаҳои нависанда нақши барҷаста дорад.

Ба андешаи муаллиф, шабу рӯз ва рӯшноиву торикӣ дар нигоштаҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ бисёр ба чашм мерасанд. Воқеан, дар эҷодиёти нависанда ин мафҳумҳо ва унсурҳо ҳузури ҳамешагӣ дошта, вақт ӯро дар шигифт меандозад Чунончи: «Ман поямро дар ин рикоби зиндагӣ мемонам, рикоб ба рикоби замон, рикоб дар рикоби вақт медавам. Аз ритми замон, аз ритми зиндагӣ ақиб намемонам…Ҳоло ӯро дунболагир мекунам, то ба ӯ бирасам. Чизе дар бари гӯшам ҷарангос мезад?  Чи бошад? Ин қадар гарм аст, пурсадо аст. Магар овози дили ман аст? Не, не ҳамон садоест, ки мехостам бишунавам ва барои шунидани он медавидам. Ин садои рикоби ман асту рикоби вақт, ки ба ҳам бархурдаанд...» [Доғҳои офтоб, с. 194].

**Хулосаи диссертатсияи** Валиева Ҳалима Субҳонқуловна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 17 банд фароҳам омадаанд ва муаллиф дар охири ҳар банд ба мутобиқати он ба нашри таълифоти илмӣ ишора кардааст. Хулосаҳои пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия ва автореферати Валиева Ҳалима Субҳонқуловна баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба хотири пешрафти корҳои илм-таҳқиқии минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанде аз онҳоро зарур медонем:

1. Номгузории баъзе фаслу бобҳои диссертатсия таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, боби якуми диссертатсия, ки «Мухтасари зиндагинома ва мероси эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ» номгузорӣ шудааст, ба шакли «Зиндагинома ва мероси адабии Сайф Раҳимзоди Афардӣ» ва ё «Рӯзгор ва осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» ифода ёбад, ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчунин, боби сеюм «Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» унвон дошта, ба андешаи мо, дар ин ҷо калимаи «вижагиҳо» барзиёд менамояд.

2. Се фасли аввали боби якум, яъне фаслҳои «Адабиёти даврони Истиқлол», «Ҳикояи даврони Истиқлол ва хусусиятҳои боризи он» ва «Нигоҳе ба романҳо ва қиссаҳои даврони Истиқлол» ба номгузорӣ ва муҳтавои ин боб («Мухтасари зиндагинома ва мероси эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ») чандон мутобиқ намеоянд. Дар ин боб бояд танҳо масъалаҳои марбут ба зиндагинома ва мероси адабии Сайф Раҳимзоди Афардӣ матраҳ мегардиданд.

3. Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Тавсиф ва нақши он дар осори бадеӣ» номгузорӣ гардидааст, ҷанбаҳои назарии тавсиф ба шакли комил баён наёфтаанд. Ба назари мо, агар диссертант дар баррасии ин масъала ба осори назарии адабиётшиносони рус ҳам такя карда, истилоҳи «эпитет»-ро тавзеҳ медод ва хусусиятҳои корбурди онро баён менамуд, моҳияти масъала ҳарчи бештар равшан мегардид.

4. Ба шаклҳои гуногун навиштани калимаҳо ва имлои гуногуни онҳо дар диссертатсия ба мушоҳида мерасад. Чунончи: Сайф Раҳимзоди Афардӣ – Сайф Раҳим, Сайф Раҳимзод, Сайф (саҳифаҳои гуногун), мавзуъҳо – мавзуот саршинос – сарашинос ва ғайра.

5. Ба ғайр аз ғалатҳои имлоию техникӣ, ки дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферат ба чашм бармехуранд, ҳамчунин, рӯйхати адабиёти таҷдиди назар мехоҳад. Чунончи, дар рӯйхати адабиёт овардашуда гоҳе тартиби хронологии адабиёт дар мисоли таълифоти Атахон Сайфуллоев, Умар Сафар ва Шамсиддин Солеҳов риоя нагардидааст. Ҳамчунин, дар ин рӯйхат мақолаи Субҳони Аъзамзод бо номи «Пиндорҳои равонӣ ва ормонгарой дар наср» зикр ёфтааст, ки ба таъини ҷойгоҳи Муаззама дар насри давраи нави тоҷик бахшида шуда, ба мавзуи таҳқиқӣ чандон иртибот надорад ва дар диссертатсия истиноду иқтибос аз ин мақола ҳам ба назар намерасад.

Дар умум, эродҳои баёнгардидаислоҳшавандаанд ва ҳангоми нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба кори таҳқиқӣ ҳусни аз ин ҳам бештар мебахшанд.

**Нашри таълифоти илмӣ** дар мавзуи диссертатсия ба талаботи дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи унҷонҷӯ муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. **Мавзуи диссертатсия** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** мувофиқат менамояд.

**Хулоса,** диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, мудири
бахши кор бо лоиҳаҳои инноватсионии
раёсати илмии Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Нодирова М. А.
«28» марти соли 2024.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Испечак 1, М. 1, бинои 1, ҳуҷраи 17
Тел.: (+992) 918-35-00-81
E-mail: nodirova81@mail.ru

Имзои Нодирова Мавзуна Акбаршоевнаро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯч. Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон: (+992-37) 232-50-00; факс: 232-50-03.
E-mail: ddzt@ddzt.tj; rectorat@ddzt.tj
«28» марти соли 2024.